«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.____________________
«06» апрели соли 2025

# ПРОТОКОЛИ № 8

ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 04 апрели 2025 с. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиб: Насриддинзода С.Н.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И. н.и.ҳ., дотсент Сатторов Ғ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов Р.И., н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., н.и.ҳ., дотсент Мирализода Э.Б., н.и.ҳ., дотсент Каримов Д.Б. н.и.ҳ., муаллими калон Сайфуллозода У.А., н.и.ҳ., муаллими калон Шарипов М.М., н.и.ҳ., Мирзозода Қ.Х., н.и.ҳ., Шарифзода Р.Ф. н.и.ҳ., Камолов Х.С. муаллими калон Юлдошева Г.М., н.и.ҳ., Абдуллозода Б.В. ассистент Исматов Р.А., ассистент Зоирова П.Ҷ. ва лабаранти кафедра Насриддинзода С.Н.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Аминзода Зокирҷон Тоҳир баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва аҳаммият, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ

маълумот дода, иброз намуд, ки таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳумҳо яке аз масъалаҳои муҳим ва дар айни замон дар таҷрибаи судӣ мураккаб ба ҳисоб меравад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон институти таъини ҷазо то ҳадди муайян коркард ва мустаҳкам карда шудааст, вале масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо то имрӯз баҳсталаб боқӣ мемонад, ки ин омил аз ҷой доштани иштибоҳоти судӣ ҳангоми татбиқи моддаҳои 67 ва 68 КҶ ҶТ далолат медиҳад. Маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо таъини ҷазои сазоворро ба шахси дар чунин ҳолат ҷиноятсодирнамуда талаб намуда, коркарди механизми нисбатан мукаммали таъини ҷазоро дар бар мегирад.

Унвонҷӯ вобаста ба таҷрибаи судӣ баён намуд, ки натиҷаҳои омӯзиши зиёда аз 1000 парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо аз он далолат медиҳад, ки судҳо ба содир кардани якчанд ҷиноят аз ҷониби шахсони алоҳида баҳои дурусти ҳуқуқӣ намедиҳанд, ки ин омил аз устувории рафтори зиддиҳуқуқии онҳо шаҳодат дода хавфнокии баланди ҷамъиятӣ дорад.

Масалан, баъзе судҳо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ҷазо муайян намуда, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҳар як ҷинояти содиршуда, инчунин шахсияти гунаҳгор ва дигар ҳолатҳои корро ҳаматарафа ба назар намегиранд. Дар ин мавриди ҳолатҳое ҷой доранд, ки ба ҷойи пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳои барои ҳар як ҷинояти алоҳида таъиншуда, бе асосноккунии ҳамаҷониба, ҷазои ниҳоӣ бо дарназардошти ҷазои сабуктарро фаро гирифтани ҷазои вазнинтар, таъин карда мешавад.

Дар идома унвонҷӯ қайд намуд, ки дар баъзе мавридҳо судҳо ҳангоми таъини ҷазо барои содир намудани якчанд ҷиноятҳо аз рӯйи моддаҳои мухталиф ба ҷойи он ки ҷазоро дар асоси м. 67 қ. 3 КҶ барои маҷмӯи ҷиноятҳо таъин намоянд, саҳван онро мутобиқи моддаи 68 КҶ ҶТ, аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо, таъин менамоянд.

Инчунин, ҳангоми ба ҳисоб гирифтани қисми адонашудаи ҷазо бо ҳукми пештара ба хатогиҳо роҳ дода мешавад. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки қисми адонагардидаи ҷазо аз рӯйи ҳукми пештара ба ҷазои ҳукми охирин қабулгардида умуман зам карда намешавад.

Дар амалия ҳолатҳое низ мавҷуданд, ки баъзе судяҳо ҳангоми таъини ҷазо барои ҷиноятҳое, ки пас аз баровардани ҳукм, вале то эътибори қонунӣ пайдо намудани он аз рӯйи парванда содир карда шудаанд, ба хатогӣ роҳ дода, ба ҷойи таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо ҷазо таъин мекунанд.

Дар баробари ин таҳлили хатогиҳои судӣ нишон медиҳад, ки онҳо на ҳама вақт оқибати бепарвоӣ ё надонистани қонун аз ҷониби судяҳо мебошанд. Баъзан сабаби сар задани хатогӣ номукаммалӣ ва номувофиқии матни қонун ба ҳисоб рафта, ин омил маънидодкунии онро мушкил мегардонад.

Масалан, ҳангоми таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо дар бисёр мавридҳо норавшан аст, ки суд ин ё он роҳи таъин намудани ҷазои ниҳоиро интихоб намуда, бояд кадом муқарраротро ҳамчун сарчашма ба инобат гирад. Чунин ҳолат барои судҳо ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ мушкилиро ба вуҷуд оварда, дар одилона будани ҷазои таъиншуда барои маҳкумшуда шубҳаро ба миён меорад, баъзан ҷазои аз рӯйи маҷмуъ таъиншуда бо андоза ё муҳлати худ аз ҷазои барои ҷинояти алоҳида таъиншуда чандон фарқ надорад.

Дар КҶ ҶТ тартиби таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо аз рӯйи тартиби қ. 6, м. 67 КҶ ҶТ ҳангоми ҷой доштани шартан татбиқ накардани ҷазо аз рӯйи парвандаи аввал муайян нашудааст.

Вобаста ба зарурати мавриди омӯзиш қарор додани мавзуи мазкур, инчунин, унвонҷӯ баён намуд, ки воқеан масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи олимони зиёдро ҳамеша ба худ ҷалб сохтааст, аммо дараҷаи омӯзишу таҳлили ин масъалаи муҳим то имрӯз нокифоя ба назар мерасад. Масалан, то ҳол дар мавриди ҷудо намудани вақте ки пас аз он содир намудани ҷинояти нав боиси таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо мегардад, инчунин лаҳзаи баровардани ҳукм ё эътиборӣ қонунӣ пайдо намудани он, андешаҳои ягона ҷой надоранд. Дар қонун тартиби қисман зам намудани ҷазо муайян нашудааст, ки ин ба судҳо имкон медиҳад, қисми ҷазоҳои таъиншударо аз диди худ зам намоянд ва як қисми ҷазои барои ҷиноятҳои алоҳидаи ба маҷмуъ дохилшавандаро умуман ба эътибор нагиранд, ки ин омил боиси беасос озод гардидан аз қисми ҷазои таъиншуда мегардад.

**Мақсади асосии таҳқиқоти** диссертатсионӣ таҳлилу омӯзиши масъалҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо, инчунин, таҳияи пешниҳодҳои мушаххас барои такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ дар самти мушаххас гардонидани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ оид ба таъини ҷазо ба ҳисоб меравад.

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур, дар диссертатсия як қатор вазифаҳои илмӣ муайян карда шудаанд, ки ҳалли назариявию амалии онҳо асос ва муҳтавои ин таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур, дар диссертатсия як қатор вазифаҳои илмӣ муайян карда шудаанд, ки ҳалли назариявию амалии онҳо асос ва муҳтавои ин таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мазкур яке аз нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба ҳисоб меравад, ки бевосита ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо тибқи КҶ ҶТ бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳқиқоти комплексии таҳлили тарзҳои таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо ҳам нисбати ҷазоҳои асосӣ ва ҳам иловагӣ анҷом дода шудааст. Хатогиҳои нисбатан паҳншуда дар амалияи судӣ ҳангоми таъини ҷазо дар ин самт ба таври васеъ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар рафти таҳқиқот афзалият ва камбудиҳои дар қонунгузории амалкунанда ҷойдошта мавриди муҳокима қарор дода шуда, таклиф ва пешниҳодҳои асоснок барои такмил додани меъёрҳо оид ба таъини ҷазо, инчунин амалияи татбиқшавии онҳо пешниҳод гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар масъалаҳои таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо равона шудааст. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва такмил додани қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи асос хизмат карда метавонанд.

Эътимоднокӣ ва дурустии аксари муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда таъмин карда мешавад, гузаронидани баҳсҳои дуруст, бо истифода аз усулҳои мантиқӣ, низомнокӣ, муқоисавӣ маводи дуруст интихобшуда бо дарназардошти мавзуи таҳқиқи диссертатсия ба муаллиф имкон медиҳад, ки вазифаҳои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намояд. Ҳангоми навиштани рисола муҳаққиқ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро кор карда, ба доктринаи муосир ва ватанӣ муроҷиат кардааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи судӣ оварда шудаанд, бармеоянд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти

рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ба даст омадаанд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., Сатторов Ғ.С., Мирализода Э.Б., ва н.и.ҳ., Мирзозода Қ.Х. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Аминзода Зокирҷон Тоҳир ҷавобҳои қаноатбахш ва пурра дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ профессор, Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Аминзода З.Т. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ. дотсент Мирзоахмедов Ф.А. ва Мирзозода Қ.Х. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Аминзода З.Т. муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 10 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ

намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Насриддинзода Аминзода Зокирҷон ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; хуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар чаласаи кафедраи хуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 04 апрели соли 2025 №8 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

«04» апрели 2025 с.

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj